**Суратҷаласаи №19**
**Шурои диссертатсионии 6D.КОА-15 назди Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С.Осимӣ**

аз 3 январи соли 2024 ш. Душанбе

Дар ҷаласаи имрӯза аз 11 нафар аъзои Шурои диссертатсионӣ, ки бо фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 07 январи соли 2022, таҳти №17/шд тасдиқ шудааст, 9 нафар иштирок доранд, аз инҳо 5 нафар мутахассисон аз рӯйи ихтисоси диссертатсия.

Хоҳишмандам барои кушодани маҷлиси шуро мавқеи худро муаяйн намоед. Тарафдор – 9 нафар. Зид, бетараф? Нест. Бо як овоз қабул шуд.

**РӮЗНОМАИ ҶАЛАСА:**

Ҳимояи ошкорои доктори фалсафа (PhD) аз рӯи ихтисоси 6D050607 – “Иқтисодиёти саноат ва энергетика” **Аскарова Санавбархон Султонхоҷаевна** дар мавзуи “Такмили сиёсати саноатӣ ва таъсири он ба рушди соҳаи саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон” барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯи ихтисоси 6D050607 – “Иқтисодиёти саноат ва энергетика”

Роҳбари илмӣ: **Низомов Самариддин Фахриевич** - доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент, мудири кафедраи таҳлили иқтисодӣ ва аудити Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

**Муқарризони расмӣ:**

**1. Комилов Сироҷиддин Ҷалолиддинович -** доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, профессори кафедраи назарияи иқтисодӣ ва иқтисодиёти ҷаҳони Донишгоҳи (Славянии) Россия ва Тоҷикистон;

**2. Муртазоев Ораз Қарахонович** - номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, Сардори Раёсати таҳлили масъалаҳои макроиқтисодии Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**Муассисаи пешбар**: Донишгоҳи байналмилалии саёҳӣ ва хизмати Тоҷикистон.

Раис: Кӣ ҷонибдори рӯзномаи пешбинишуда аст, марҳамат овоз дода шавад. Тарафдор – 9 нафар. Бетараф - нест. Муқобил - нест. Якдилона тасдиқ карда шуд.

Сухан барои шинос намудани ҳозирин бо мундариҷаи асосии хуҷҷатҳои пешниҳоднамудаи унвонҷӯ ба котиби илмии шуро, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент Ашурзода Ашур Нурулло дода мешавад.

Котиби илмӣ маълумотномаи **Аскарова Санавбархон Султонхоҷаевнаро** қироат мекунад.

Раис: Ба котиби илмӣ савол ҳаст? Савол нест. Сухан ба докторант **Аскарова Санавбархон Султонхоҷаевна** барои маъруза оид ба муҳтаво ва натиҷаҳои асосии диссертатсия дода мешавад.

Докторант Аскарова С.С. баромад мекунад.

Раис: Кӣ ба Аскарова С.С. савол дорад? Марҳамат, аъзоёни шурои диссертатсионӣ. Аъзоёни шуро д.и.и., дотсент Хоҷаев П.Д., д.и.и, профессор Аҳророва А.Д., д.и.т., дотсент Фохаков А.С ва д.и.и., профессор Рауфӣ А ба доктарант дар доираи мавзӯи таҳқиқот савол пешниҳод намуданд.

Докторант Аскарова С.С. ба саволҳо ҷавоб медиҳад.

Раис: Боз кӣ савол дорад? Савол нест? Кифоя. Ҳоло сухан ба роҳбари илмии доктарант Низомов Самариддин Фахриевич - доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент, мудири кафедраи таҳлили иқтисодӣ ва аудити Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дода мешавад.

Низомов С.Ф. Тақризро қироат мекунад (Тақриз замима мегардад).

Раис: Сухан ба котиби шурои диссертатсионӣ, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент Ашурзода Ашур Нурулло барои шинос намудани ҳозирин бо хулосаи комиссияи экспертӣ, тақризи муассисаи пешбар ва дигар тақризҳо, ки ба автореферати диссертатсия навишта шуда, ба шуро ворид шудаанд, дода мешавад.

Котиби илмӣ: қироат мекунад:

1. Хулосаи комиссияи экспертӣ.

2. Тақризи муассисаи пешбар (замима мегардад).

3.Тақризҳои ба автореферати диссертатсия воридшуда (замима мегардад).

Раис: Ташаккур! Оид ба тақризҳои қироатгардида ба котиби шуро саволҳо ҳаст? Нест. Сухан ба докторант Аскарова С.С. барои ҷавоб додан ба эродҳои муассисаи пешбар ва тақризҳои ба автореферат воридгардида дода мешавад.

Аскарова С.С. Баромад намуда, ба эродҳои муассисаи пешбар ва эродҳои ба тақризҳо воридшуда ҷавоб мегардонад.

Раис: Ташаккур! Сухан ба муқарризи расмӣ - Комилов Сироҷиддин Ҷалолиддинович - доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, профессори кафедраи назарияи иқтисодӣ ва иқтисодиёти ҷаҳони Донишгоҳи (Славянии) Россия ва Тоҷикистон дода мешавад.

Комилов С.Ҷ.: Тақризро қироат мекунад (Тақриз замима мегардад).

Раис: Сухан ба докторант Аскарова С.С. барои ҷавоб додан ба эродҳои муқарризи расмӣ дода мешавад.

Аскарова С.С.: Баромад намуда, ба эродҳои муқарризи расмӣ ҷавоб мегардонад.

Раис: Ташаккур! Сухан ба муқарризи расмӣ - Муртазоев Ораз Қарахонович, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, Сардори Раёсати таҳлили масъалаҳои макроиқтисодии Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дода мешавад.

Муртазоев О.Қ.: Тақризро қироат мекунад (тақриз замима мегардад).

Раис: Ташаккур! Сухан ба докторант Аскарова С.С барои ҷавоб додан ба эродҳои муқарризи расмӣ дода мешавад.

Аскарова С.С.: Баромад намуда, ба эродҳои муқарризи расмӣ ҷавоб мегардонад.

Раис: Ташаккур! Ба мубоҳиса мегузарем. Сухан ба аъзои шурои диссертатсионӣ, ки аз тарафи шуро ҳамчун мутахассис оид ба ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда эътироф шудаанд, дода мешавад. Баромад намуданд: д.и.и., профессор Исайнов И.Р., д.и.и., профессор Низамова Т.Д, н.и.и., дотсент Ашурзода А.Н баромад намуданд.

Раис: Агар боз хоҳишмандон бошад, марҳамат. Хоҳишмандон нест? Кифоя.

Сухан ба докторант барои ҷавоб додан ба муқарризони ғайрирасмӣ дода мешавад. Марҳамат!

Аскарова С.С.: Баромад намуда, ба эродҳои муқарризони ғайрирасмӣ ҷавоб мегардонад, ҳамзамон сухани ҷамъбастиро қироат мекунад.

Раис: Ташаккур! Акнун мегузарем ба тартиби овоздиҳии пинҳонӣ. Барои гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ зарур аст, ки комиссияи ҳисобро интихоб намоем.

Чӣ хел пешниҳодҳо аз рӯи шумораи аъзоёни комиссия ҳаст? Пешниҳод шуд, ки 3 нафар бошанд. Ба овоз гузошта шуд! Тарафдор – 9 нафар. Зид, бетараф нестанд! Марҳамат! Мушаххас киҳо? Пешниҳод шуд, ки ба комиссияи ҳисоб аъзоёни шурои диссертатсионӣ доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Исайнов Ҳ.Р., доктори илмҳои техникӣ, дотсент Фохаков А.С. ва доктори илмҳои иқтисодӣ., дотсент Хоҷаев П.Д. пешниҳод карда шаванд.

Дигар пешниҳодҳо нест? Нест. Кӣ тарафдори ҳайати комиссияи интихобӣ мебошад, марҳамат овоз диҳад. Тарафдор 9 нафар. Зид - нест. Бетараф - нест. Якдилона қабул шуд. Ташаккур!

Марҳамат! Гурӯҳи комиссияи ҳисоб хоҳишмандам ба вазифаи худ шурӯъ намоянд. (Овоздиҳии пинҳонӣ гузаронида мешавад).

Раис: Сухан ба раиси комиссияи ҳисоб, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Исайнов Ҳ.Р. дода мешавад. Марҳамат!

Исайнов Ҳ.Р.: Ташаккур! Муҳтарам раис! Муҳтарам аъзоҳои шурои диссертатсионӣ! Иҷозат диҳед муҳтавои суратҷаласаи №1 ҷаласаи комиссияи ҳисоб аз 3 январи соли 2024, ки аз тарафи шурои диссертатсионии 6D.КОА-015 интихоб шудааст, ба саҳми шумо расонам. Комиссияи овоздиҳӣ дар ҳайати 3 нафар - доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Исайнов Ҳ.Р., доктори илмҳои техникӣ, дотсент Фохаков А.С. ва доктори илмҳои иқтисодӣ., дотсент Хоҷаев П.Д. таъсиси дода шуда буд. Комиссияи интихобшуда барои ҳисоби овозҳои пинҳонӣ оид ба додани дараҷаи илмии доктори фалсафа **(PhD),** доктор аз рӯи ихтисоси 6D050607 – “Иқтисодиёти саноат ва энергетика” ба **Аскарова Санавбархон Султонхоҷаевна** мебошад.

Дар маҷлис иштирок доштанд: 9 нафар аъзои шуро, докторони илм аз рӯйи соҳаи дар диссертатсия баррасишаванда 4 нафар, номзади илм 1 нафар. Варақаҳои интихобии тақсимшуда 9 адад, варақаҳои интихобии тақсимнашуда нест, варақаҳои бекоршуда нест.

Натиҷаи овоздиҳӣ оид ба сазовор донистани дараҷаи илмии доктори фалсафа **(PhD),** доктор аз рӯи ихтисоси 6D050607 – “Иқтисодиёти саноат ва

энергетика” ба Аскарова Санавбархон Султонхоҷаевна чунин аст. Тарафдор – 9 нафар, бетараф – нест, варақаҳои бекор – нест.

Раис: Ташаккур! Кӣ тарафдори он ки протоколи комиссияи ҳисоб тасдиқ карда шавад, марҳамат, овоз диҳед. Тарафдор – 9 нафар, зид - нест, бетараф - нест. Якдилона қабул шуд. Ташаккур.

Мутобиқи дастурамали КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мо ба баррасии лоиҳаи хулосаи Шурои диссертатсионӣ мегузарем, ки дар оғози ҷаласа ба ҳамаи аъзоёни шуро тақсим шуда буд. Чӣ гуна таклифҳо мешаванд? Биёед, муҳокима мекунем. (Аъзоёни шуро эродҳо ва иловаҳои худашонро баён мекунанд, муҳокима меравад). Кӣ тарафдори он аст, ки хулоса дар маҷмуъ қабул карда шавад, хоҳиш мекунам овоз диҳед. Хулосаи шуро якдилона дар таҳрири зерин қабул мегардад.

Аъзоёни шуро: Бо назардошти пешниҳодҳо қабул карда шавад.

Раис: Кӣ ҷонибдори бо дарназардошти пешниҳодҳо қабул гардидани хулосаи Шурои диссертатсионӣ аз рӯйи диссертатсияи Аскарова Санавбархон Султонхоҷаевна мебошад, марҳамат овоз диҳед. Тарафдор – 9 нафар. Муқобил, бетараф - нест. Якдилона қабул карда шуд.

Иҷозат диҳед, қарори Шурои диссертатсиониро барои ҳимояи диссертатсияи Аскарова Санавбархон Султонхоҷаевна эълон кунам.

Баъди шунидан ва муҳокима намудани диссертатсияи дар мавзӯи «Такмили сиёсати саноатӣ ва таъсири он ба рушди соҳаи саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) аз рӯйи ихтисоси 6D050607 – Иқтисодиёти саноат ва энергетика, тақризи роҳбари илмӣ доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсенти Донишгоҳи миллӣ Тоҷикистон Низомов Самариддин Фахриевич, тақризи муассисаи пешбар – Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон, тақризҳо ва баромадҳои муқарризони расмӣ: - доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, профессори кафедраи назарияи иқтисод ва иқтисоди ҷаҳони Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон Комилов Сироҷиддин Ҷалолиддинович, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, сардори Раёсати таҳлили масъалаҳои макроиқтисодии Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Муртазоев Ораз Қарахонович ва баромадҳои мутахассисон оид ба тахассуси диссертатсияи баррасишаванда д.и.и., профессорон Исайнов Ҳ.Р., Низамова Т.Д. ва дотсент Ашурзода А.Н. Шурои диссертатсионии 6D.КОА-015 дар асоси натиҷаи овоздиҳии пинҳонӣ ва хулосаи аз тарафи аъзоёни Шурои диссертатсионӣ қабулгардида оид ба саҳеҳият, навгонии илмӣ, аҳамият ва хулосаҳои диссертатсия, инчунин, натиҷаи корҳои нашршуда доир ба мавзӯи диссертатсияи Аскарова Санавбархон Султонхоҷаевна.

ҚАРОР МЕКУНАД:

1. Диссертатсияи Аскарова Санавбархон Султонхоҷаевна дар мавзуи «Такмили сиёсати саноатӣ ва таъсири он ба рушди соҳаи саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050607 – Иқтисодиёти саноат ва энергетика ба талаботи муқаррарнамудаи КОА-и назди Президенти

Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбат ба диссертатсияҳои номзадӣ тибқи «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент ва профессор)», ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ мебошад.

2. Автореферати диссертатсия ва интишороти муаллиф пурра мазмуну моҳияти таҳқиқотро инъикос менамояд.

3. Ба Аскарова Санавбархон Султонхоҷаевна барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050607 – Иқтисодиёти саноат ва энергетика дода шавад;

4. Аз Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дархост карда шавад, ки қарори Шурои диссертатсиониро ҷонибдорӣ намояд ва Аскарова Санавбархон Султонхоҷаевна бо дипломи дараҷаи илмии доктори фалсафа PhD, доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050607 сарфароз гардонида шавад.

Кӣ тарафдори қарори Шурои диссертатсионӣ мебошад, хоҳишмандам овоз диҳад. Зид - нест, бетараф - нест. Қарор якдилона қабул гардид.

Раиси Шуро: иҷозат диҳед докторантро барои бомуваффақият ҳимоя намудани диссертатсия ва сарфароз гаштан ба дараҷаи илмии доктори фалсафа PhD, доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050607 табрик намоям ва ба ҳамаи аъзои Шуро барои ширкати фаъол дар ҳимоя арзи сипос намоям.

Бо ҳамин ҷаласаи навбатии Шурои диссертатсионӣ пӯшида эълон мешавад.

Раиси
Шурои диссертатсионӣ
д.и.и., профессор — Низамова Т.Д.

Котиби илмии
Шурои диссертатсионӣ
н.и.и., дотсент — Ашурзода А.Н.

29 ноябри соли 2023

# ҚАРОРИ

ҷаласаи Шӯрои диссертатсионии 6D.KOA-015-и назди Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С.Осимӣ

аз 03 январи соли 2024, №1 ш. Душанбе

Баъди шунидан ва муҳокима намудани диссертатсияи дар мавзӯи «Такмили сиёсати саноатӣ ва таъсири он ба рушди соҳаи саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) , доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050607 – Иқтисодиёти саноат ва энергетика, тақризи роҳбари илмӣ доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсенти Донишгоҳи милли Тоҷикистон Низомов Самариддин Фахриевич, тақризи муассисаи пешбар – Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон, тақризҳо ва баромадҳои муқарризони расмӣ: - доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, профессори кафедраи назарияи иқтисод ва иқтисоди ҷаҳони Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон **Комилов Сироҷиддин Ҷалолиддинович**, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, сардори Раёсати таҳлили масъалаҳои макроиқтисодии Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон **Муртазоев Ораз Қарахонович** ва баромадҳои мутахассисон оид ба тахассуси диссертатсияи баррасишаванда д.и.и., профессорон Исайнов Ҳ.Р., Низамова Т.Д ва дотсент Ашурзода А.Н. Шӯрои диссертатсионии 6D.KOA-015 дар асоси натиҷаи овоздиҳии пинҳонӣ ва хулосаи аз тарафи аъзоёни Шӯрои диссертатсионӣ қабулгардида оид ба саҳеҳият, навгонии илмӣ, аҳамият ва хулосаҳои диссертатсия, инчунин, натиҷаи корҳои нашршуда доир ба мавзӯи диссертатсияи Аскарова Санавбархон Султонхоҷаевна.

ҚАРОР МЕКУНАД:

1. Диссертатсияи Аскарова Санавбархон Султонхоҷаевна дар мавзуи «Такмили сиёсати саноатӣ ва таъсири он ба рушди соҳаи саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон", ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050607 – Иқтисодиёти саноат ва энергетика ба талаботи муқаррарнамудаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбат ба диссертатсияҳои номзадӣ тибқи «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент ва профессор)», ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ мебошад.

2. Автореферати диссертатсия ва интишороти муаллиф пурра мазмуну моҳияти таҳқиқотро инъикос менамояд.

3. Ба Аскарова Санавбархон Султонхоҷаевна барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) , доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050607 – Иқтисодиёти саноат ва энергетика дода шавад;

4. Аз Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дархост карда шавад, ки қарори Шӯрои диссертатсиониро ҷонибдорӣ намояд ва Аскарова Санавбархон Султонхоҷаевна бо дипломи дараҷаи илмии доктори фалсафа PhD, доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050607 сарфароз гардонида шавад.

Кӣ тарафдори қарори Шӯрои диссертатсионӣ мебошад, хоҳишмандам овоз диҳад. Зид - нест, бетараф - нест. Қарор якдилона қабул гардид.

Раиси Шӯро: иҷозат диҳед унвонҷӯро барои бомуваффақият ҳимоя намудани диссертатсия ва сарфароз гаштан ба дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ табрик намоям ва ба ҳамаи аъзои Шӯро барои ширкати фаъол дар ҳимоя арзи сипос намоям.

Бо ҳамин ҷаласаи навбатии Шӯрои диссертатсионӣ пӯшида эълон мешавад.

Раиси
Шӯрои диссертатсионӣ
д.и.и., профессор — Низамова Т.Д.

Котиби илмии
Шӯрои диссертатсионӣ
н.и.и., дотсент — Ашурзода А.Н.
03 январи соли 2024

Муҳри муассиса

ХУЛОСАИ НИҲОИИ

Шурои диссертатсионии 6D.КОА-015-и назди Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ аз рӯйи диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа **(PhD)**

Парвандаи аттестатсионии №10

Қарори Шурои диссертатсионӣ аз 03.01.2024

Барои сазовор донистани **Аскарова Санавбар Султонхоҷаева**, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон " барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа **(PhD),** доктор аз рӯи ихтисоси 6D050607 – "Иқтисодиёти саноат ва энергетика"

Диссертатсияи **Аскарова Санавбархон Султонхоҷаева** дар мавзуи "Такмили сиёсати саноатӣ ва таъсири он ба рушди соҳаи саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон" барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050607 – "Иқтисодиёти саноат ва энергетика" ба ҳимоя 03-уми январи соли 2024 тибқи суратмаҷлиси №19 Шурои диссертатсионии 6D.КОА-015-и Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ (734042, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи академикҳо Раҷабовҳо, 10), ки он дар асоси фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 07 январи соли 2022, таҳти №11/шд таъсис дода шудааст, қабул карда шуд.

Довталаби дараҷаи илмӣ **Аскарова Санавбархон Султонхоҷаевна**

4 - феврали соли 1985 таваллуд шудааст, миллаташ тоҷик, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Мавсуф соли 2014 ба факултети молия ва иқтисодиёти бозори ДДХ ба номи академик Б.Ғафуров ихтисоси аудит ва ревизия дохил шуда соли 2018 хатм намудааст. Аз соли 2018 то 2020 коргузори кафедраи баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит факултети "Молия ва иқтисодиёти бозор"-и ДДХ ба номи академик Бобоҷон Ғафуров фаъолияти корӣ намудааст Соли 2018 ба шуъбаи магистратураи ихтисоси кори бонкӣ дохил шуда ва соли 2020 хатм намуда худи ҳамон сол ба докторантураи ихтисоси 6D0506(02)- Иқтисодиёт: иқтисодиёти минтақа Донишкадаи иқтисод ва савдои Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон дар шаҳри Хуҷанд қабул шуда ва соли 2021 интиқол ба докторантураи ихтисоси 6D050600 - Иқтисодиёти Донишгоҳи миллии Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) дар мавзӯи "Такмили сиёсати саноатӣ ва таъсири он ба рушди соҳаи саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон" аз рӯи ихтисоси 6D050600- Иқтисодиёт таҳсил кардааст. Аз моҳи августи соли 2023 то ин ҷониб ба сифати муаллимаи кафедраи иқтисодиёти ҷаҳонии факултети иқтисодии

МДТ “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров” фаъолият намуда истодааст.

Диссертатсия дар кафедраи иқтисодиёти корхонаҳо ва соҳибкории Донишгоҳи миллии Тоҷикистон иҷро шудааст.

**Роҳбари илмӣ: Низомов Самариддин Фахриевич** - доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент, мудири кафедраи таҳлили иқтисодӣ ва аудити Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

**Муқарризони расмӣ:**

1. **Комилов Сироҷиддин Ҷалолиддинович -** доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, профессори кафедраи назарияи иқтисодӣ ва иқтисодиёти ҷаҳони Донишгоҳи (Славянии) Россия ва Тоҷикистон;
2. **Муртазоев Ораз Қарахонович** - номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, Сардори Раёсати таҳлили масъалаҳои макроиқтисодӣ Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон,

**Муассисаи пешбар**: Донишгоҳи байналмилалии саёҳӣ ва хизмати Тоҷикистон.

Дар хулосаи мусбати додашудаи муассиса, ки аз тарафи муқарриз Сафоев А.К. – н.и.и., дотсент, мудири кафедраи назарияи иқтисодӣ ва фаъолияти соҳибкории Донишгоҳи байналмилалии саёҳӣ ва хизмати Тоҷикистон имзо шудааст, қайд шудааст, ки довталаби дараҷаи илмӣ Аскарова С.С. 22 адад интишори илмӣ, аз ҷумла оид ба мавзуи диссертатсия 22 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 9 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чопшуда дорад.

Дар хулоса қайд гардидааст, ки диссертатсия дар мавзуи “Такмили сиёсати саноатӣ ва таъсири он ба рушди соҳаи саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон” диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯи ихтисоси 6D050607 – “Иқтисодиёти саноат ва энергетика” ҳамчун кори илмӣ - тадқиқотии мустақил ва баанҷомрасида дониста шуда, ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои диссертатсияҳои номзадӣ, ки бо «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ» муқаррар шуда ва бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад, дорои аҳамияти баланди назариявию амалӣ, навгониҳои илмӣ буда, дар сатҳи баланди илмию методологӣ омода гардидааст, масъалаи муҳими илмӣ ҳалли худро ёфтааст ва муаллифи он Аскарова Санавбар Султонхоҷаевна сазовори дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) аз рӯйи ихтисоси зикршуда мебошад.

Интихоби муқарризони расмӣ бо мавҷудияти салоҳият ва мавқеи устувор дар доираи таҳқиқот вобаста ба такмили сиёсати саноатӣ ва таъсири он ба рушди соҳаи саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон, мавҷудияти интишорот дар соҳаи мазкур ва қобилияти баҳодиҳӣ ба аҳамияти илмию

назариявии диссертатсия, ҳамчунин бо ризоияти шахсӣ барои пешниҳоди тақриз асоснок шудааст.

Интихоби муассисаи пешбар бо он асоснок карда шудааст, ки Донишгоҳи байналмилалии саёҳӣ ва хизмати Тоҷикистон дар самти илми дахлдор шинохташуда буда, қодир аст, ки арзиши илмӣ ва амалии диссертатсияро муайян намояд.

**А) Интишорот дар маҷаллаҳои тақризшаванда, ки аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсия шудааст:**

[1-М] **Аскарова С.С. Низомов С.Ф.** Рушди сиёсати саноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити ҷаҳоншавӣ. //Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, Душанбе. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ 2021. №7- С.116-122. ISSN 2413-5151

[2-М] **Аскарова С.С.** Тадбирҳои танзими давлатии сиёсати инноватсионӣ дар минтақаҳо. Маҷаллаи илмӣ-назариявии «АХБОРИ ДДҲБСТ». Силсилаи илмҳои ҷомеашиносӣ №3 (88), 2021- С.53-59. ISSN 2411-1945

[3-М] **Аскарова С.С.** Омилҳои рушди соҳаҳои саноат дар шароити табдилдиҳии рақамӣ. Маҷаллаи “Номаи Донишгоҳ” №3 (58), 2021 силсилаи илмҳои табиатшиносӣ ва иқтисодӣ. 2021- С.119-122. ISSN 2077-4974

[4-М] **Аскарова С.С.** Механизмаҳои мавҷудаи танзимкунандаи рушди саноат дар Тоҷикистон. //Маҷаллаи “Номаи Донишгоҳ” №1 (60), 2022 силсилаи илмҳои табиатшиносӣ ва иқтисодӣ -Хуҷанд, 2022- С.99-103. ISSN 2077-4974

[5-М] **Аскарова С.С.** Проблемаҳои таҳияи сиёсати саноат дар заминаи саноатикунонии кишвар. //Маҷаллаи “Номаи Донишгоҳ” №3 (62), 2022 силсилаи илмҳои табиатшиносӣ ва иқтисодӣ. Хуҷанд, 2022- С.114-121. ISSN 2077-4974

[6-М] **Аскарова С.С.** Заминаҳои асосии ташкили низоми инноватсионии саноати Ҷумҳурии Тоҷикитон. //Маҷаллаи илмӣ-назариявии «АХБОРИ ДДҲБСТ». Силсилаи илмҳои ҷомеашиносӣ №3, (94) 2023-Хуҷанд, - С.35-46. ISSN 2411-1945

[7-М]. **Аскарова С.С.** Рушди соҳаи саноат дар иқтисодиёти миллӣ. //Маҷаллаи “Номаи Донишгоҳ” №1 (64), 2023 силсилаи илмҳои табиатшиносӣ ва иқтисодӣ. Хуҷанд, 2023- С.112-115. ISSN 2077-4974

[8-М] **Аскарова С.С.** Тамоюлҳои рушди инноватсионии соҳаҳаои саноати истихроҷ ва саноати коркарди Ҷумҳурии Тоҷикистон. №2 (65), 2023 силсилаи илмҳои табиатшиносӣ ва иқтисодӣ. Хуҷанд, 2023- С.116-121. ISSN 2077-4974

[9-М] **Аскарова С.С.** Рушд ва инноватсионии соҳаи саноати коркарди Ҷумҳурии Тоҷикистон. //Маҷаллаи “Номаи Донишгоҳ” №3 (66), 2023

силсилаи илмҳои табиатшиносӣ ва иқтисодӣ. Хуҷанд, 2023- С.91-99. ISSN 2077-4974

**Мақолаҳое, ки дар дигар нашрияҳо ба табъ расидаанд:**

[10-М] **Аскарова С.С.** Оид ба усули технологии танзими сохтори низоми саноатӣ. //Конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ бахшида ба муносибати 30-умии солгарди Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мавзуи «Фаъолияти инноватсионӣ ҳамчун омили рушди босуръати иҷтимоӣ ва иқтисодӣ дар саноат» санаи 26-уми феврали соли 2021. Донишкадаи кӯҳию металлургии Тоҷикистон, - Бӯстон, - С.29-32.

[11-М] **Аскарова С.С.** О некоторых подходах определения «Технологический уклад». // Конференсияи байналмиллалӣ бахшида ба Всероссийской научно – практической и методической дар мавзӯи “Транцформация системы учетно – аналитического, финансового и контрольного обеспечения в условиях цифровизации экономики” 1.02.2022. Варонеж- С.279-288.

[12-М] **Аскарова С.С.** Рушди устувори соҳаи саноат ва мавқеи он дар иқтисоди миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон. //Конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявӣ дар мавзуи «Ташаккули бахши молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва нақши он дар рушди устувори иқтисоди миллӣ» санаи 17-уми декабри соли 2022. Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, - Кӯлоб, - С.424-428. ISSN 978-999985-52-20-4

[13-М] **Аскарова С.С.** Ташаккул ва тамоюли рушди иқтисодиёти минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон. //Конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалиро дар мавзӯи “Муаммоҳои инкишофи низоми молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити гузариш ба иқтисодиёти индустриалӣ-инноватсионӣ” санаи 15 декабри соли 2022. Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон (дақиқ) ш.Душанбе, - С.120-128.

[14-М] **Аскарова С.С.** Оиди баъзе масъалаҳои ташаккулёбии системаи инноватсионии саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон. //Конференсияи ҷумҳуриявии иқтисодӣ дар мавзӯи “Таъмини рушди устувор ва рақобатпазирии иқтисодиёти Тоҷикистон дар шароити ҷаҳоншавӣ” санаи 15 декабри соли 2022. ДДҲБСТ-и ш. Хуҷанд, -, С.388-395, 978-99985-0-203-1

[15-М] **Аскарова С.С.** Оид ба муаммоҳо ва самтҳои афзалиятноки рушди инноватсионии саноати истихроҷ ва коркарди Ҷумҳурии Тоҷикистон. //Конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявӣ дар мавзуи «Масъалаҳои мубрами иқтисоди меҳнат ва идоракунии кормандон» санаи 30-юми марти соли 2023. Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. – Душанбе 2023, - С.125-128.

[16-М] **Аскарова С.С.** Анализ современного состояния и тенденций развития промышленности в Республике Таджикистан. // Конференсияи

байналмиллали дар мавзуи “Актуальные проблемы учета экономического анализа и финансово хозяйственного контроля деятельности организаций” 10.12.2023. Варонеж- С.279-288. ISSN 978-5-9273-3659-3

[17-М] **Аскарова С.С.** Инновационные проблемы и развитие промышленной политики в Республике Таджикистан. //9-10 февраля 2023 года в г. Ростов-на-Дону состоится International Conference «Smart Technologies for society», Government, Economy г. Ростов-на-Дону 2023, - С.572-678.

[18-М] **Аскарова С.С.** Развитие промышленности в национальной экономике. //Конфронси илмӣ-амалӣ байналмиллалӣ дар мавзуи “Тенденции развития социальной инфраструктуры региона”№96, апреля 2023 ш. Самара, - С.26-30.

[19-М] **Аскарова С.С.** Анализ тенденций промышленного развития Республики Таджикистан. //Teoreticeskaa I prikladnaa nauka. Theoretical & Applied Science. Philadelphia. USA 05 (121) 2023№, -С.607-613.

[20-М] **Аскарова С.С.** Направления и задачи развития промышленной политики. //ООО “Агентво перспективных научных исследований” 06.01.2023 г. Белгород, - С.50-52. ISSN 2713-1513

[21-М] **Аскарова С.С.** Роль и тенденции развития региональной промышленности в Республике Таджикистан. //Академическое издательство “Научный журнал” APOSTERIORI, Стр. 59-63, г. Москва 2023, - ISSN (p) 2712-9462, ISSN (e) 2541-8068

[21-М] **Аскарова С.С.** Проблемы развития промышленной политики в экономике региона. Научный журнал “Тенденции развития науки и образования” №93 январ 2023, Стр 19-22, г. Самара.

[22-М] **Аскарова С.С.** Промышленная система страны и проблемы региональной экономики. Конфронси илмӣ-амалӣ байналмиллалӣ дар мавзуи “Преспективы интеграционных процессов и поиск инновационных решеный” 21.01.2023. ш. С.Петергбург.- С.20-23. ISSN 978-5-907676-16-9.

**Ба диссертатсия ва автореферат тақризҳо ворид шуданд:**

**1. Дадоматов Д. Н. – д.и.и., дотсент, мудири кафедраи баҳисобгирии бухгалтерии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон бо чунин эрод пешниҳод шудааст:**

1. Дар автореферати кори таҳқиқотӣ, диссертант зарурати такмили механизмҳои ташаккули сиёсати саноатӣ, вобастагии он аз зуҳуроти макроиқтисодии мавҷуда пурра кушода, аммо аз чӣ бошад, роҳҳои ҷорӣ намудан ва дар амал татбиқ сохтани сиёсати саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври возеҳ ва мушаххас равшан накарда аст;

2. Беҳтар мешуд, ки агар муаллифи рисола роҳҳои баланд бардоштани самаранокии сиёсати саноатиро дар мисоли объектҳои мушаххас ва ё ягон минтақаи кишвар нишон медод.

**2. Алимов К.К.- н.и.и., дотсенти кафедраи иқтисодиёт ва ташкили соҳибкории Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон бо чунин эрод пешниҳод гардидааст:**

1. Хуб мешуд дар автореферати диссертатсия маънидодкунии моҳияти сиёсати саноатӣ аз тарафи худи муаллиф васеътар шарҳ дода шавад.

2. Дар автореферати диссертатсия хуб мешуд, ки агар сатҳи рақобатпазирии соҳаҳои саноати Ҷумҳурии Тоҷикистонро аз рӯи низоми баҳодиҳии Heritage Foundation дар байни кишварҳои дунё муайян карда, дар асоси он сатҳи рақобатпазирии соҳаҳои саноати кишвар баҳогузорӣ карда мешуд.

**3. Нуридинов С.З. - номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, мудири кафедраи иқтисоди корхонаҳо ва соҳибкории Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон бо чунин камбудиҳо пешниҳод шудааст:**

1. Истифодаи усули регрессионӣ дар муайян намудани тамоюли рушд ва дурнамои саноати миллии кишвар ҳамаи омилҳои эндогенӣ ва экзогении таъсиррасонро дарбар намегирад;

2. Зимни эроди якум дар муайян намудани тамоюлҳои такмили сиёсати саноатии кишвар истифодаи усули дискретӣ беҳтар арзёбӣ мегардад.

**4. Бегмуродов С.Ш. - н.и.и., дотсент, мудири кафедраи менеҷменти инвеститсионӣ ва маркетинги Донишгоҳи технологии Тоҷикистон бо чунин эродҳо пешниҳод шудааст:**

1. Муаллиф дар автореферати худ пайдарҳамии масъалаҳои мавриди таҳқиқ қароргирифтаро то андозае ба инобат нагирифтааст.

2. Дар автореферат баъзе хатогиҳои стилистикӣ ва техникию ороишӣ дида мешавад.

**5. Фатҳуллозода А.Ф. – н.и.и., дотсент, мудири кафедраи иқтисодиёти корхонаҳо ва соҳибкории Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А.Рӯдакӣ бо чунин эродҳо пешниҳод намудааст:**

1. Ба фикри мо, таҳқиқоти автореферат бурд мекард, агар дар охири ҳар як параграф хулоса ва пешниҳодҳо оварда мешуданд.

2. Баъзе аз ҷадвалҳои таҳлилие, ки дар автореферат оварда шудаанд таҳлили пурратар мешуданд, ҳусни кор афзунтар мегардид.

Ҳамаи тақризҳо мусбӣ буда, эродҳо хусусияти тавсиявӣ доранд.

**Шурои диссертатсионӣ қайд мекунад, ки аз тарафи довталаби дараҷаи илмӣ дар асоси иҷро кардани тадқиқоти илмӣ:**

- равишҳои назариявии ташаккулёбии сиёсати саноатӣ ҳамчун системаи фаъолияти алоқаманд, ки ба амалигардонии тадбирҳои пешгирикунанда (превентиви) рушди бахши саноатӣ равона гардида, фарогири дарки принсипҳои ҷойгиркунӣ, тахассусият, кооператсия, ҳамгирой ва кластеркунонии соҳа буда, бо мақсади таъмини ҳамоҳангкунии рушди саноат ва бо дарназардошти қонуниятҳои тамоюлҳои рушди саноат дар тартиби технологияш, ки барои ба ҳадафҳои стратегии рушди устувори иқтисодиёти миллӣ ноил гардидан имконият фароҳам оварда метавонад, муайян карда шудаанд;

- тавсифи қонуниятҳои рушди соҳаи саноат дар замони муосир асоснок карда шудаанд, ки нақш ва аҳамияти омили «инноватсия»-ро ҳамчун драйвери калидии тағйиротҳои судманд ва гузаштан ба тартиботи технологии нави босифати рушди иқтисодӣ муайян месозад. Ҳамзамон дар пешниҳоди таърифи муаллифӣ тартиби технологӣ дар ҳолати мавҷудияти тамоюлҳои ҷаҳонии печидагӣ ва мураккабии фазои иттилоотӣ ҳамчун сатҳи нави рушди системаи саноатие, ки аз дараҷа ва сатҳи талаботи истеъмолӣ ва некӯаҳволии аҳолӣ вобаста намебошад, пешниҳод мешавад;

- самтҳои асосии мукаммалсозии сиёсати саноатӣ дар мисоли кишварҳои рушдкунанда, ки равиши кластериии ташкили истеҳсолоти саноатиро хамчун шакли афзалиятноки низомнокии он дар назар доранд, ки бо дарназардошти таъминшавии ҳадафҳои дохилӣ, мақсад, принсипҳо ва воситаҳои таъсиррасонӣ, ки ба ноил гардидан ба параметрҳои рақобатпазирии системаи саноати миллӣ равона гардидаанд, муайян шудаанд;

- тамоюлҳои тавсифии рушди бахши саноати Тоҷикистон ҳамчун системаи кушодаи алоқамандиҳои соҳаҳои мухталиф, ки рушди динамикиашон (новобаста аз тренди мусбати нишондиҳандаҳояш дар солҳои охир) тавассути камбудии таъминоти методии равандҳои идораи давлатӣ, норасоии захираҳои сармоягузорӣ, рушд наёфтани асосҳои инфрасохтории ҳамкориҳои миёни илму истеҳсолот ва ғ. муайян карда шудаанд, ки дар маҷмуъ қафомондагии технологии он аз сатҳи муосирро афзун мекунад;

- механизмҳои самараноки амалисозии сиёсати саноатии дорои тағйиротҳои ниҳодӣ дар сохтори идораи соҳа, ки ба самти таъмини ҳамкориҳои судманди мақомотҳои гуногуни давлатӣ равона гардидаанд, бо дарназардошти унсурҳои зерин пешниҳод мегарданд:

✓ амалисозии комплекси тадбирҳои ташаккулёбии кластерҳои минтақавии саноатӣ;

✓ коркарди механизми рушди консепсияи воридотивазкунӣ дар бахши саноати иқтисодиёти Тоҷикистон, ки дорои алгоритми амалисозии пайдарпайи табдирҳои ташкилӣ, иқтисодӣ ва маъмурии дастгирии истеҳсолкунандаи ватанӣ дар бозорҳои дохиливу хориҷӣ мебошад;

✓ тавассути моделсозии риёзӣ муайян кардани қимматҳои ояндабинии нишондиҳандаҳои асосӣ дар давраҳои дарозмуддат.

**Аҳамияти назариявии тадқиқот** аз хулосаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ, принсипҳои аз тарафи муаллиф пешниҳод шуда, равишҳо ва механизмҳо ҳамчун асоси коркарди масъалаҳои мукаммалсозии сиёсати саноатӣ ва амалисозии самараноки он дар мисоли системаи саноати кишварҳои рушдкарда иборат аст.

**Аҳамияти амалии кори диссертатсионӣ** дар он зоҳир меёбад, назарияи таҳқиқот, равишҳои методологӣ, тавсия ва пешниҳодҳои илмии таҳқиқот доир ба самаранокии системаи саноатӣ ва такомули сиёсати саноатӣ дар фаъолияти амалии Вазорати саноат ва технологияҳои навини Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии кишвар ҳангоми омӯзиши курсҳои «Иқтисодиёти корхонаҳо», «Иқтисодиёти саноат», ва «Асосҳои фаъолияти инноватсионии корхона» мавриди истифода қарор гирифта метавонанд.

**Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ нишон доданд, ки:** бо корбурди усулҳои махсуси илмӣ-назариявии дар рафти иҷрои таҳқиқот истифодагардида, дақиқии маълумотҳо, кифоягии ҳаҷми маводи таҳқиқгардида, коркарди илмӣ-оморӣ, назариявӣ, риёзӣ ва абстрактии натиҷаҳои таҳқиқот ва интишорот тасдиқ мегардад. Хулоса ва тавсияҳои муаллиф дар асоси омӯзиши илмӣ ва натиҷаи таҳқиқоти назариявӣ ва амалӣ пешниҳод карда шудааст.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ: с**аҳми шахсии муаллиф дар асоснок намудани ҷанбаҳои назариявӣ-методии таҳқиқи такмили ташаккулёбии сиёсати саноатӣ ва низоми саноат дар доираи назарияҳои илмӣ, коркарди қиёсии додаҳои оморӣ, муайянсозии равишҳои технологии таъсиррасонӣ ба сохтори низоми саноат ва роҳҳои тараққиёти техникӣ-инноватсионии саноат, дар доираи гузариш ба тартиботи технологии навини муосир, таҳқиқи вазъи муосир ва муайян кардани тамоюлҳои рушд, заминаҳои асосии ташкили низоми инноватсионии саноат ва такмили ташаккули низом ва сиёсати саноат, таҳияи модели маҷмуавии коррелиятсионӣ ва регрессионии корхонаҳои саноатӣ ва татбиқи усулҳои арзёбии фаъолият ва самаранокии онҳо, инчунин тавсияҳои мушаххаси

муаллиф вобаста ба татбиқи роҳу равишҳои ба низом ва сиёсати саноатӣ таъсиррасон ифода меёбад.

Дар маҷлиси Шурои диссертатсионӣ аз 03 январи соли 2024 қарори сазовор донистани **Аскарова Санавбар Султонхоҷаевна** бо дараҷаи илмии доктори фалсафа **(PhD),** доктор аз рӯи ихтисоси 6D050607 – “Иқтисодиёти саноат ва энергетика” қабул карда шуд.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар маҷлиси Шурои диссертатсионӣ аз 11 нафар аъзои шӯро 9 нафар иштирок доштанд, аз ҷумла докторони илм ва номзадони илм оид ба ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда 5 нафар. Овоз доданд: тарафдор 9 нафар, муқобил – нест, бюллетени беэътибор – нест.

**Раиси**
**Шурои диссертатсионӣ** **Низамова Т.Д.**
**д.и.и., профессор**

**Котиби илмии**
**Шурои диссертатсионӣ,**
**н.и.и., дотсент** **Ашурзода А.Н.**

Санаи барасмиятдарории хулоса **03 январи соли 2024**